# ТАҚРИЗ

**роҳбари илмӣ ба Самизода Фурқат Давлаталӣ дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии сайёҳии байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст.**

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқот.** Мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз аҳамияти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии сайёҳии байналмилалӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма мегирад. Сайёҳии байналмилалӣ яке аз самтҳои афзалиятноки рушди иқтисоди миллӣ буда, бо захираҳои табиӣ, таърихӣ ва фарҳангии Тоҷикистон имкониятҳои бузург барои ҷалби меҳмонони хориҷӣ фароҳам меорад. Тибқи маълумоти Созмони Ҷаҳонии Сайёҳӣ (СҶТ), дар соли 2023 беш аз 1,4 миллиард сафари байналмилалӣ ба қайд гирифта шудааст, ки нишондиҳандаи афзоиши 44% нисбат ба соли 2022 мебошад. Ин омор аҳамияти танзими ҳуқуқии соҳаро барои таъмини рушди устувор ва ҳимояи манфиатҳои тарафҳо таъкид мекунад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ аз 28 декабри 2024 рушди сайёҳиро самти афзалиятноки сиёсати иқтисодӣ номида, таъкид намуданд, ки шумораи сайёҳони хориҷӣ дар соли 2024 ба 1 миллиону 400 ҳазор нафар расидааст, аммо ин нишондиҳанда ба имкониятҳои кишвар мувофиқ нест. Ин изҳорот зарурати такмили қонунгузории миллӣ ва мутобиқсозии он ба стандартҳои байналмилалиро барои афзоиши ҷаззобияти Тоҷикистон ҳамчун макони сайёҳии байналмилалӣ таъкид мекунад.

Қонунгузории мавҷуда, аз ҷумла Қонуни ҶТ “Дар бораи сайёҳӣ” (2020, №1718) ва тағйиру иловаҳои ба он воридшуда (2024, №2104), асоси

ҳуқуқии фаъолияти сайёҳиро ташкил медиҳад. Бо вуҷуди ин, набудани механизмҳои муассири танзими аҳдҳои иқтисоди беруна, аз қабили шартномаҳои хизматрасонии пулакӣ ва миёнравӣ, боиси баҳсҳои ҳуқуқӣ ва коҳиши эътимоди сайёҳони хориҷӣ мегардад. Ин камбудиҳо зарурати таҳқиқи мазкурро боз ҳам муҳим мегардонанд, зеро он ба бартараф кардани норасоиҳои қонунгузорӣ ва пешниҳоди тавсияҳои амалӣ нигаронида шудааст.

Самизода Фурқат Давлаталӣ соли 2009 ба ғоибонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи милии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2013 аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшиносӣ хатм намудааст.

Аз соли 2014 ба ҳайси коромӯз дар вазифаи муфатиши Пракуратураи нақлиёти Суғд ба фаъолият оғоз ва дар зинаҳои гуногуни мақомоти пракуратура кор намуда, айни ҳол дар вазифаи пракурори Раёсати назорати қонунӣ будани санадҳои судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Пракуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намуда истодааст.

Кори диссертатсионии Самизода Фурқат Давлаталӣ аз муқаддима, се боб, 8 зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

Дар муқаддима мубрамияти мавзӯъ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъала, объект, предмет, мақсад, вазифаҳо, асосҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии таҳқиқот муайян гардидаанд. Навгонии илмӣ ва аҳамияти амалии кор низ равшан нишон дода шудааст.

**Боби аввал,** “Тавсифи умумии танзими ҳуқуқии сайёҳии байналмилалӣ”, ба таҳлили мафҳум, намудҳо ва сарчашмаҳои ҳуқуқии сайёҳии байналмилалӣ бахшида шудааст. Муаллиф хусусиятҳои намудҳои гуногуни сайёҳӣ (фарҳангӣ, экологӣ, табобатӣ, тиҷоратӣ) ва аҳдҳои иқтисоди берунаро дар ин соҳа мавриди баррасӣ қарор дода,

зарурати мутобиқсозии қонунгузории миллӣ ба стандартҳои СҶТ-ро таъкид мекунад.

**Боби дуюм** “Хусусияти танзими ҳуқуқӣ ва муайян намудани ҳуқуқи нисбати шартномаҳои иқтисоди беруна дар соҳаи сайёҳии байналмилалӣ татбиқшаванда” ба омӯзиши шартномаҳои хизматрасонии пулакӣ ва миёнравӣ, инчунин тартиби муайян намудани ҳуқуқи тарафҳо дар шартномаҳои иқтисоди беруна равона шудааст. Муаллиф камбудиҳои қонунгузории мавҷуда, аз ҷумла норавшании меъёрҳои танзимкунандаи шартномаи хизматрасонии пулакӣ ва шартномаи миёнаравӣ ва таъсири онҳоро ба рушди соҳа таҳлил кардааст.

**Боби сеюм** “Механизмҳои такмили танзими ҳуқуқии сайёҳии байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” роҳҳои ҳалли мушкилотро пешниҳод мекунад. Муаллиф зарурати такмили қонунгузории миллӣ, таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ ва мутобиқсозии он ба стандартҳои Созмони Ҷаҳонии Сайёҳиро асоснок намуда, таҷрибаи кишварҳои пешрафтаро барои истифода дар Тоҷикистон таҳлил кардааст.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқи илмӣ ҷамъбаст гардидаанд.

Нуқтаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ – методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи Олии Аттестатсионии ҶТ ва 5 мақола дар маҷмӯаҳои конфронсҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, инъикос ёфтааст.

Хулоса, диссертатсияи Самизода Фурқат Давлаталӣ дар мавзӯи “Танзими ҳуқуқии сайёҳии байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати ҶТ аз 30 июни 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории

диссертатсия (Қарори Раёсати Комиссияи Олии Аттестатсионии ҶТ аз 31 марти 2021, №3) ҷавобгӯ буда, аз ҷиҳати илман асоснок будани натиҷаҳои, навгонии илмӣ ва аҳамияти амалӣ барои ҳимояи дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ тавсия карда мешавад.

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори
кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷоратии
факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи
миллии Тоҷикистон Сангинзода Д.Ш.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, н. Варзоб
ҷамоати деҳоти Варзобдара, деҳаи Ғажне
хонаи №60
Телефон: (+992) 988428282
Почтаи электронӣ: doniyor_sanginov@mai.ru

Имзои Сангинзода Д.Ш.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.
«07» 05 соли 2025

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17
Телефон: (+992) 2217711
Почтаи электронӣ: info@tnu.tj
Сомона: www.tnu.tj